# ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ 5.2.15. – ИҚТИСОДИ САБЗ ВА ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ

*(Бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “_____” «__________» 20___ тасдиқ шудааст).*

## ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ

**дараҷаи илмӣ номзади илм ва доктори илм,**
**аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ)**

**Рамзи ихтисос:**
**5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ**

## 1. СОҲАИ ИЛМ, КИ АЗ РӮЙИ ОН ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ ДОДА МЕШАВАД:

Илмҳои иқтисодӣ:

**2.Шарҳи ихтисос:**

Муҳтавои ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табииро таҳқиқи низоми (байнифанни)-и муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, техникӣ-технологӣ, экологӣ, инчунин пайдоиш, ташаккул ва рушди онҳоро дар доираи амалигардонии принсипҳо, ҳадаф ва вазифаҳои иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ташкил медиҳад.

Ба қисмҳои таркибии асосии ин ихтисос дохил мешаванд: муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, услубӣ ва равишҳои иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ; техникӣ-технологӣ ва экологӣ; ҷанбаҳои ниҳодӣ ва инфрасохтории рушди ин низомҳо; амалӣ намудани иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун як низоми томи хоҷагидорӣ, истифодаи воситаҳои муайянро тақозо мекунад.

**Объекти таҳқиқот**: Объекти таҳқиқи ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии гузариш ба иқтисоди сабз, аз ҳисоби истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва суботи иҷтимоӣ, инчунин таъмини баробарии техникӣ-технологӣ ва экологӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

Мавриди таҳқиқи ихтисоси зикршударо муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ ва экологие ташкил медиҳанд, ки дар раванди ташаккул, рушд ва инкишофи низоми иқтисодии ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ва рушди устувор нигаронидашуда ташкил медиҳад.

## 3. СОҲАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

**1. Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ.**

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ, асосҳои институтсионалии иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар низоми муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ ва экологӣ; тадбирҳои иқтисодии гузаронидани ислоҳи институтсионалии истифодаи самараноки сармояи табиӣ дар иқтисоди "сабз", ҷалби сармоягузорӣ ва маблағгузории сабз, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти иқтисоди сабз, амалӣ намудани иқтисоди сабз, ҳамчун як низоми томи хоҷагидорӣ, татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, муайян намудани роҳҳои минбаъдаи рушди энергетика ва бунёди инфрасохтори тавлиди неруи барқ дар низоми таъмини иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ, таъмини роҳҳои пешбурди тадбирҳои сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия; таҳлили ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза (органикӣ); таҳияи пешниҳодҳо дар самти рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори ба он дахлдор; омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти таъмини иштироки кишвар дар бозори ҷаҳонии сармоягузории сабз, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ҷиҳати истифодаи васеи иқтисоди сабз ва зхираҳои табиӣ дар асоси принсипҳои байналмилалӣ, ҳавасмандгардонии рушди сайёҳии экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ, тавсеаи «шуғли сабз», таҳқиқи таҷрибаи хориҷии татбиқи иқтисоди сабз дар доираи иқтисоди фазоӣ (иқтисоди ҳудудӣ ва минтақавӣ).

**1.2. Саноат:**

**1.2.1.** ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаи саноат;

**1.2.2.** таҳияи усулҳо, механизмҳо, фишангҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷудияти онҳо дар амалкарди иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ, ташкил ва идоракунии муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳаи саноат;

**1.2.3.** таҳлил ва арзёбии фаъолияти субъектҳои иқтисодии соҳаи саноат дар низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.2.4.** фаъолияти амалии корхонаҳои соҳаи саноат дар низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ, ошкорсозии муаммоҳо ва мушкилотҳои гузариш ба низоми иқтисоди сабз;

**1.2.5.** танзим ва ба эътидоловарии низоми нархгузории бозорҳои маҳсулоти саноатӣ ҳангоми гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.2.6.** асосҳои амалии пешбурди иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиии дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат;

**1.2.7.** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи самараноки татбиқи технологияҳои каммасраф дар соҳаи саноати кишвар;

**1.2.8.** ба роҳ мондани истеҳсоли саноатии панелҳо ва таҷҳизоти офтобӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ (ашёи кремнийдор);

**1.2.9.** таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои таҷрибавӣ оид ба сохтмони иншооти энергиясарфакунандаи маъмурӣ, истиқоматӣ ва саноатӣ дар ҳудудҳои маъмурии ҷумҳурӣ;

**1.2.10**. таҳқиқи муносибатҳои нави иқтисодии доираи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ барои таъмини гузариши иқтисодиёти кишвар аз модели аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ;

**1.2.11.** ҳадафҳои стратагии рушди саноати мамлакат дар доираи низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ барои ошкорсозии роҳҳо ва самтҳои ояндадори намудҳои фаъолияти иқтисодӣ;

**1.2.12.** ташаккул ва рушди саноати миллии рақобатпазир ва дар асоси он ба сатҳи сифатан баланд бардоштани тамоми иқтисоди миллӣ ва таъмини некуаҳволии мардуми кишвар;

**1.2.13.** таҷдиди инфрасохтори соҳаи саноат тавассути баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ.

**1.3. Энергетика:**

**1.3.1.** ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаи энергетика;

**1.3.2.** таҳияи усулҳо, механизмҳо, фишангҳо ва афзорҳои таҳқиқи соҳаи энергетика дар низоми иқтисоди сабз ва қонуниятҳои амалкард дар рушди соҳаи энергетика;

**1.3.3.** пойгоҳ (заминаҳо)-и захиравии рушди соҳаи энергетика, муаммҳо ва мушкилотҳои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, нерӯи инсонӣ дар соҳаи энергетика;

**1.3.4.** тақвияти раванди роҳандозии нерӯгоҳҳои барқи обии хурд ва миёна, зиёд намудани истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, истифодабарии самараноку сарфакунии энергия ва кам кардани талафоти он;

**1.3.5.** роҳҳои ҷалби сармоя ба соҳаи гидроэнергетика ва дигар самтҳои истеҳсоли энергияи сабз ва паст намудани таъсири манфии иншооти энергетикӣ ба муҳити зист;

**1.3.6.** роҳандозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти истифодаи манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи неруи барқ, аз ҷумла энергияи офтоб, бод, обҳои гарми зеризаминӣ ва биоэнергия;

**1.3.7.** дастгирии давлатии бахши энергетикии кишвар ҳамчун заминаи устувори гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.3.8.** ошкор сохтани роҳҳои минбаъдаи рушди энергетика ва бунёди инфрасохтори тавлиди неруи барқ аз дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

**1.3.9.** таъмини роҳҳои пешбурди тадбирҳои сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия дар доираи гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.3.10.** роҳҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ҳамчун воситаи таъмини устувории экологӣ;

**1.3.11.** коркарди механизмҳои иқтисодии ҳисоби самаранокии бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва технологияи обҷамъкунӣ дар обанборҳо;

**1.3.12.** истифода оқилонаи стандартҳои самаранокии энергия ва сарфаҷӯии энергия дар бунёд ва азнавсозии биноҳо, амалисозии барномаҳои сарфаҷӯии энергия дар соҳаи хизматрасониҳои бахши буҷетии иқтисодиёт ва бахши воқеӣ ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обии кишвар бо насби таҷҳизоти муосири самаранокии энергия ва сарфаҷӯии энергия;

**1.3.13.** истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии энергетикии кишвар аз ҳисоби манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи энергия (офтоб, бод ва биоэнергия).

**1.4. Кишоварзӣ ва экология:**

**1.4.1.** ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва экология;

**1.4.2.** назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об, рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС ҳангоми гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.3.** рушди комплекси агросаноатӣ дар ҳудуди минтақаҳо ва давлат, вижагиҳои ҳудудии рушди соҳаи кишоварзӣ ва экология дар доираи гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.4.** таҳия ва коркарди усулҳо, механизмҳо, фишангҳо ва афзорҳои таҳқиқи соҳаҳои кишоварзӣ ва экология дар низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ва қонуниятҳои амалкард дар рушди онҳо;

**1.4.5.** муаммоҳо ва мушкилотҳои рушди соҳаҳои кишоварзӣ дар низоми гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.6.** таҳлил ва арзёбии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар доираи хоҷагиҳои ҷангал, об ва моҳипарварӣ, савдои яклухт ва чаканаи молҳои хӯрокворӣ ва кишоварзӣ, хизматрасонии корхонаҳо ва ташкилотҳои комплексӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи заминҳои кишоварзӣ, иқтисодиёти корхонаҳои (хоҷагиҳои) кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои давлатӣ; ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ); хоҷагиҳои деҳқонии дастаҷамъӣ; ҷамъиятҳои саҳомӣ; хоҷагиҳои кооперативӣ; кооперативҳои тиҷоратӣ дар

кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва фаъолияти соҳибкорӣ дар назди корхонаю ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ;

**1.4.7.** ташакули соҳибкорӣ дар истеҳсолот, коркард ва фурӯши маҳсулот дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.4.8.** танзими давлатии соҳаҳои кишоварзӣ, экология ва дигар соҳаҳои КАС ҳангоми амалишавии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияи рушди иқтисоди сабз;

**1.4.9.** вижагиҳои ташаккулёбии пойгоҳи моддию техникии комплекси агросаноатӣ (КАС) ва истифодаи сармояи инсонӣ дар бахши аграрӣ, шуғлнокӣ ва даромадҳои пулии аҳолии деҳот;

**1.4.10.** механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳангоми гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.11.** Такмили шаклҳои инноватсионии идоракунӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳо, соҳибкорони хурду миёна) дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.12.** иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкории инфиродӣ дар деҳот ҳангоми гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.13.** асосҳои таъмини амнияти бехатарии озуқаворӣ, оқибатҳои иқтисодии буҳрони ҷаҳонии хӯрокворӣ ва масоили раванди ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) дар шароити гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.14.** фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардони корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС ва истифодаи самараноки онҳо ҳангоми гузариш ба низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.15.** экологическая деятельность предприятий (ферм), малых и средних предприятий в сельском хозяйсве;

**1.4.16.** таҳқиқи масоили экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории дараҷаи таъмини рушди устувори иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар доираи низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.4.17.** таҳия ва такмили ҳуҷҷатҳои барномавӣ дар самти экология, ҳифз ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ ва сармояи сабз;

**1.5. Истифодабарии захираҳои табиӣ**

**1.5.1.** Коркарди тартиби ояндадори майдонҳои кишоврзӣ дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва хоҷагӣ, бо мақсади кам намудани харочотҳои иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.2.** Коркарди асосҳои илмии соҳаи кишоварзӣ, барпокунӣ ва истифодаи майдонҳои алафдарав ва чарогоҳҳои серҳосили бисёрсола дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.3.** Усулҳои идоракунии ҳосилхезии замин, васеъкунии такрористеҳсолкунии ҳосилнокии замин дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.4.** Асосҳои илмии идоракунии ҳосилнокии замин ва муносибкунии нишондодҳои онҳо. Коркарди амсилаи ҳосилхез намудани заминҳои шудгоршаванда. Баҳодиҳии ҳосилнокии замин ва назорати ҳолати онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.5.** Муносибкунии шароити экологӣ-хокии парвариши зироатҳои кишоварзӣ. Талаботи растаниҳои гуногун ба шароити хокӣ. Коркарди усулҳои беҳтаркунии мутобиқшавии зироатҳои киштшаванда ба хусусиятҳои номусоидии заминҳо. Баҳогузории муфид будани хокҳо барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.6.** Шароитҳои таназзули обӣ ва бодии заминҳои агроманзаравӣ. Коркарди усулҳои моделӣ, пешгуӣ ва огоҳи намудани равандҳои таназзули обӣ ва бодӣ, тартиботи заминсозии ҳимояи хокҳо ва манзараҳои мутобиқшуда дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.7.** Хусусиятҳои равандҳои гидрологӣ, гидрохимиявӣ ва гидробиологӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо, зуҳуроти динамикӣ дар кӯлҳо, обанборҳо ва ҳавзҳо, генезис ва тағирёбии ҳолати массаҳои об, масъалаҳои амсиласозии ҳодисаҳои дохилиобӣ, муносибгардонии гидроэкологии реҷаи об, объектҳои обии замин дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.8.** Проблемаҳои таъсири мутақобилаи обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, асосҳои илмии истифодаи якҷояи обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, хусусиятҳои таъсири обҳои зеризаминӣ ба характеристикаҳои гидрохимиявии дарёҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.9.** Ҳолати гидрохимиявии объектҳои обҳои заминӣ дар шароити гуногуни табиӣ, таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ба ифлосшавии кимиёвии дарёҳо, ҳавзҳо, кӯлҳо ва обанборҳо, ташаккул ва тағирёбии сифати об, шаклҳои равандҳои худсофшавӣ ва ифлосшавии дуюмдараҷаи табиат, обҳо, хусусиятҳои омехташавии обҳои дарёю баҳр дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.10.** Таҳияи асосҳои илмии таъмини бехатарии гидроэкологии худудҳо ва иншооти хоҷагӣ, истифодаи камхарҷ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари об ва истеъмоли об, банақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақаҳои хавфи зиёдшавии равандҳои хатарноки гидрологӣ, ҳифзи объектҳои об аз камшавӣ, олудашавӣ, таназзул, шароити оптималии мавҷудияти экосистемаҳои обӣ ва заминӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.11.** Асосҳои хоҷагӣ ва иқтисодии тиҷорати ҷангал дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.12.** Кор карда баромадани усулҳо ва методҳои парвариши зироатҳои ҷангалӣ, дарахту буттаҳои ҷангалӣ барои ба даст овардани ашёи хоми техникӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз;

**1.5.13.** Кор карда баромадани асосҳои илмии бозсозӣ барқароркунии дарахтзорҳои ҷангал дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз.

**1.6. Хизматрасонӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ:**

**1.6.1.** ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.2.** асосҳои назариявӣ ва амалии рушди нақлиёти сабз ва хизматрасонии гумрукӣ ба он мутобиқ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.3.** усулҳо, механизмҳо, фишангҳо ва афзорҳои танзим ва назорати соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.4.** афзоиши сармоягузории давлатӣ ба инфрасохтори бо принсипи рушди устувор асосёфта (аз ҷумла, нақлиёти ҷамъиятии барқӣ, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бунёди биноҳои аз ҷиҳати истифодаи энергия босамар) ва сармояи табиӣ бо мақсади барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиш додани ҳаҷми он дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.5.** истифодаи самараноки инфрасохтори нақлиёти барқӣ ва дар асоси он савдои «сабз» бо дар назар доштани талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ;

**1.6.6.** таҳияи пешниҳодҳо дар самти рушди нақлиёти барқӣ ва инфрасохтори ба он дахлдор дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.7.** ошкорсозии самтҳои ояндадори истифодаи самараноки нақлиёти барқӣ дар ҳаҷми умумии нақлиёт дар кишвар дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.8.** ҳиссаи сармоягузориҳо бо принсипи иқтисоди сабз дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.9.** рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнат ва ошкорсозии теъдоди ҷойҳои кории сабз дар сохтори умумии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.10.** ташкили корхонаҳо дар самти истеҳсол ва васлкунии воситаҳои нақлиёти барқӣ (электромобилҳо, электромопедҳо, троллейбус ва локомотивҳои барқӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.11.** таҳқиқи масъалаҳои марказҳои нақлиётӣ ва хизматрасонии гумрукӣ дар татбиқи принсипҳои савдои «сабз» бо роҳи зиёд намудани содироти маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии халқ (иқтисоди миллӣ);

**1.6.12.** таркиб, сохтор ва таносуби соҳаи нақлиёт дар иқтисоди кишвар ҳамчун унсури асосии инфрасохтори хизматрасонӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.13.** татбиқи раванди иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва муҳайё сохтани инфрасохтор ва дигар шароити зарурӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт дар қаламрави кишвар дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.14.** бартарафсозии муаммоҳо ва мушкилотҳои соҳаи нақлиёт, аз қабили фарсудашавии воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, шахсӣ ва корхонаву соҳибкорон, сатҳи нокифояи раванди гузариш ба воситаҳои нақлиёти барқӣ, аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳо, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани коркарди автомобилҳои куҳна ва маводи истифодаи нақлиётӣ, рушд наёфтани раванди истифодабарии нақлиёти алтернативӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, аз ҷумла электрификатсия нашудани роҳи оҳан, набудани корхонаҳои истеҳсоли нақлиёти гибридӣ ё электрикӣ (электромобилҳо, электропоездҳо);

**1.6.15.** таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.17.** тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.18.** рушди инфрасохтори бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.19.** сармоягузорӣ ба рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ ва истифодаи самараноки он дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.20** роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.21.** рушди технологияҳои рақамӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.22.** ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.23.** хусусиятҳои рушди соҳибкорӣ ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.6.24.** механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.7. Сармоягузорӣ ва маблағгузории сабз:**

**1.7.1.** гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ дар самти ҷалби маблағҳои «сабз» ва институтсионалӣ гардонидани соҳа ва иштирок дар бозори ҷаҳонии вомбаргҳои «сабз» ва маблағгузории «сабз»;

**1.7.2.** ҷалби доираи васеи институтҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ ба бозори маблағгузории «сабз» ва роҳандозии имконияти истифодаи ҳиссаи (квотаи) ихроҷи газҳои гулхонаии Тоҷикистон дар раванди принсипҳои муосири маблағгузории «сабз»;

**1.7.3.** ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияи пешрафта аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бахши давлатӣ ва хусусӣ ва марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар бонкдорӣ;

**1.7.4.** марҳила ба марҳила барҳам додани субсидияҳои аз ҷиҳати экологӣ зараровар ва андешидани чораҳо ҷиҳати роҳандозии низоми тамғагузории экологӣ ва ташаккули воситаҳои махсуси молиявӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба самти иқтисоди «сабз»;

**1.7.5.** ҷалби сармоягузорӣ барои рушди истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ташкили фондҳои махсус дар самти татбиқи лоиҳаҳои «сабз», аз ҷумла барои роҳандозии барномаҳои ҳудудии рушди иқтисоди «сабз»;

**1.7.6.** мутобиқ намудани қонунгузории соҳаи бонкӣ ва молиявӣ бо принсипи иқтисоди «сабз» ва ҷорӣ намудани низоми маблағгузории бонкӣ дар самти ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи иҷтимоӣ;

**1.6.7.** такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии суғуртаи экологӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба таснифи воситаҳои молиявӣ ҳамчун воситаҳои молиявие, ки ба сармоягузории рушди иқтисоди «сабз» нигаронида шудаанд;

**1.7.8.** иштироки бонкҳои Тоҷикистон дар бозори сармоягузории иқтисоди «сабз» ва таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самти иқтисоди «сабз» ва пешниҳоди онҳо ба ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони тиҷоратӣ;

**1.7.9.** ташкили Фонди сармоягузории иқтисоди «сабз» бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва роҳандозии механизми фурӯши ҳиссаи (квотаи) партови газҳои гулхонаии саҳми Тоҷикистон ба ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон;

**1.7.10.** пешбурд ва муайян намудани бренди миллиии Тоҷикистон дар самти иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ;

**1.7.11.** ҷалби маблағҳо тавассути механизми вомбаргҳои «сабз» барои бунёди нерӯгоҳҳои барқӣ ва нерӯгоҳҳо аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

**1.7.12.** амалӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ дар самти маблағгузории «сабз»;

**1.7.13.** ворид шудани Биржаи «Осиёи Марказӣ» дар бозори ҷаҳонӣ ва минтақавии вомбаргҳои «сабз»;

**1.7.14.** таъсиси ниҳодҳо (ташкилотҳо)-и молиявии махсусгардонидашудаи давлатӣ ва хусусӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои «сабз».

**1.8. Рушди сайёҳии экологӣ (сабз):**

**1.8.1.** такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои тақвияти соҳаи сайёҳии экологӣ;

**1.8.2.** таҳия ва амалӣ намудани харитаи роҳ ва феҳристи электронии объектҳои сайёҳии экологӣ дар тақсимоти минтақаҳо;

**1.8.3.** амалисозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ;

**1.8.4.** баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва ҷалби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳии экологӣ;

**1.8.5.** ҷорӣ намудани технологияҳо ва хизматрасониҳои инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ;

**1.8.6.** таъмини рушди сайёҳии кӯҳнавардӣ, аз ҷумла табобатию курортӣ, экскурсионӣ, экологӣ, алпинизм ва лижаронии кӯҳӣ;

**1.8.7.** ташкил ва рушди минтақаҳои махсус муҳофизатшаванда ва беҳтаргардонии ҳолати шифогоҳҳо;

**1.8.8.** тарҳрезии иншооти сайёҳӣ бо дар назар доштани осебпазирии мавзеъҳои табиӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои сарфаи энергия ва захираҳо;

**1.8.9.** таъмини идоракунии самараноки энергия дар меҳмонхонаҳо, кемпингҳо ва дигар инфрасохтори соҳаи сайёҳии экологӣ;

**1.8.10.** таҳия ва тасдиқи хатсайрҳои сайёҳии экологӣ бо қоидаҳои рафтори сайёҳон (ёдномаҳо), ки талаботи риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва экологиро инъикос менамояд;

**1.8.11.** ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ;
– тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатии сайёҳӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнати мамлакат;

**1.8.12.** рушди марказҳои иттилоотии сайёҳии экологӣ бо мақсади мусоидат намудан ба рушди сайёҳии байналмилалӣ ва дохилӣ;

**1.8.13.** ташаккул ва паҳн кардани иттилоот дар бораи иқтидору имкониятҳои сайёҳии экологии кишвар;

**1.8.14.** ташаккули механизми пешниҳоди хизматрасонии сайёҳии экологӣ дар деҳот дар шакли ҷамоат асосёфта.

## 4. РАМЗ ВА НОМГӮИ ИХТИСОСҲОИ МУҶОВИР:

- 5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ;
- 5.2.11. – Иқтисодиёти соҳаҳои ичтимоӣ;
- 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ;

- 5.2.5. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика;
- 5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ;
- 5.2.17. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

## 5. ҲУДУДГУЗОРӢ БО ИХТИСОСҲОИ МУҶОВИР

Дар тафовут аз ихтисоси – 5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ, таҳқиқот дар ихтисоси – 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ на танҳо ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии илми иқтисодро, балки раванди пешрафти иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ идомаи мантиқии рушди устувор буда, дар фарқият аз охирин ҳамбастагии унсурҳои рушди иқтисодӣ ва устувории экологиро инъикос менамояд. Ихтисоси иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ ба истифодаи механизмҳои бозоргонӣ барои ба даст овардани рушди устувор, нигоҳдории сармояи табиӣ дар сатҳи милливу байналмилалӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ аз ҳисоби ташкил кардани ҷойҳои кории «сабз» меомӯзад.

Таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ аз ихтисоси 5.2.11. – Иқтисодиёт соҳаҳои ичтимоӣ бо он фарқ мекунад, ки дар доираи ин ихтисос масъалаҳои: тақвияти раванди рушди тавлид ва истифодаи энергияи сабз дар Тоҷикистон; дастрасии пурраи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ба захираҳои арзон, боэътимод ва муосири энергетикӣ; зиёд намудани ҳиссаҳои манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи энергия дар соҳаи энергетикии кишвар; баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори энергетикии кишвар тавассути ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати экологӣ муосир; содироти қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба бозори Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва дигар кишварҳо; таъмини сарфаҷӯӣ ва самаранокии истифодаи энергия ҳамаҷониба баррасӣ карда мешаванд.

Ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ аз ихтисоси 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ бо он фарқ менамояд, ки дар доираи он: таъмини дастрасии одилона ба замин, захираҳои кишоварзӣ, бозорҳо, зиёд намудани арзиши иловашуда ва шуғли сабз дар соҳаи кишоварзӣ; таъмини устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва маҳсулнокии чорво бо назардошти ҳифзи экосистемаҳо, беҳтар кардани ҳолати заминҳо ва мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим; ворид шудани ҷумҳурӣ ба гурӯҳи давлатҳо бо сатҳи устувори таъмини амнияти озуқаворӣ; рушди кишоварзии органикӣ ва афзоиши содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аз кишвар таҳқиқ мегарданд.

Ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ аз ихтисоси 5.2.5. – Иқтисодиёти саноат ва энергетика бо он фарқ менамояд, ки дар он: таҳкими асосҳои институтсионалӣ барои рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат; рушди соҳаи саноат тавассути таъмини шуғли пурмаҳсул ва зиёд намудани ҳиссаи соҳаи саноат дар

маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо ба инобат гирифтани принсипҳои иқтисоди сабз; таҷдиди инфрасохтори соҳаи саноат тавассути баланд бардоштани самаранокии иқтидорҳои истеҳсолӣ бо татбиқи бештари технологияҳои муосир ва ҷавобгӯ ба талаботҳои экологӣ; тақвияти корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи саноат ва таъмини рушди технологиву инноватсионии иқтидорҳои истеҳсолӣ; афзоиши арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ тавассути рушди муносибатҳои кластерӣ дар истеҳсолоти бепартов баррасӣ мешаванд.

Ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ нисбати ихтисоси 5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ васеъ буда, бо дарназардошти расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди иқтисоди сабз самтҳои зеринро дар бар мегирад: таъмини пешбурди сайёҳии устувор ва дастгирии рушди сайёҳии экологӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда; ташаккули низоми мукаммалсозии пешниҳоди хизматрасонии экологӣ ва бунёди инфрасохтори сабз; баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳии экологӣ; фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон ва васеъ намудани экосистема бо мақсади ҷалби сайёҳон; таъмини пешбурди сайёҳии устувор бо мақсади таъсиси ҷойҳои корӣ, муаррифии фарҳанги миллӣ ва маҳсулоти ватанӣ; рушди сайёҳии экологии дар шакли ҷамоат асосёфта.

Ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ нисбати ихтисоси 5.2.17. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо самтҳои зерин фарқият мекунад: ҷалби сармояи хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар самти иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар кишвар; рушди муносибатҳои бозорӣ вобаста ба муомилоти вомбаргҳои сабз ва дигар воситаҳои молиявӣ дар ин самт; ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ барои амалисозии ҳадафу вазифаҳои ҳуҷҷатҳои стратегии амалкунанда дар самти иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ; омода намудани мутахассисони дорои дониш ва таҷрибаи байналмилалӣ дар самти бозори вомбаргҳои сабз дар пойгоҳи мукаммал.

## 6. ҲУДУДГУЗОРӢ БО СОҲАҲОИ ИЛМҲОИ МУҶОВИР

Таҳқиқоти бунёдӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.15. – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар доираи ихтисосҳои байнифаннии соҳаи илмҳои иқтисодӣ гузаронида мешаванд.